# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна дар мавзуи «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Дар забоншиносии тоҷик тайи солҳои охир омӯзиш ва баррасии масъалаҳои мубрами шохаҳои гуногуни он вусъати тоза пайдо намудааст. Дар ин замина масъалаҳои мубрами забон ва услуби осори шоирону адибони даврахои гуногуни таърихӣ аз доираи таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳа дур намондааст ва дар ин самт аллакай таҳқиқоти судманди илмӣ рӯйи кор омадаанд.

Таҳлил, таҳқиқ ва омӯзиши таркиби луғавии осори адибони тоҷик яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ маҳсуб меёбад, ки ба омӯзиши асари бадеӣ ҳанӯз луғатнигорону тазкиранависони гузашта корҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом додаанд. Омӯзиш ва ба низом даровардани масъалаҳои сохтор, маъно, категория, гурӯҳҳои маъноӣ, баромад, қабатҳои истеъмолӣ ва дигар паҳлуҳои илми забоншиносӣ ба таври зарурӣ анҷом ёфта истодаанд, аммо масъалаҳои таҳқиқношудае мавҷуданд, ки дар ҳолати кунунии рушди забони адабии муосири тоҷикӣ аҳаммияти бештари назариву амалиро талаб менамояд. Яке аз чунин масъалаҳо нишон додани вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва чигунагии забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ мебошад. Маҳз ҳамин масъалаҳои зикршуда асоси кори диссертатсионии **Сатторова Дилрабо Қаҳоровнаро ташкил до**дааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи осори илмию бадеӣ ва нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуи диссертатсионӣ иборат буда, 176 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** аз он иборат аст, ки мавзуи мавриди таҳқиқ дар забоншиносии тоҷик дар шакли мукаммал бори нахуст ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Бинобар ин, омӯзиши он имкон медиҳад, ки таҳқиқи забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ ва баррасии чигунагии корбурди онҳо дар осори адиб аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ арзёбӣ мегардад.

**Мақсади таҳқиқи рисола,** пеш аз ҳама, ин нишон додани вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва чигунагии забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ, боназардошти баррасии пурраи қабатҳои маъноӣ-луғавии вожаҳо: калимаҳои сермаъно, омонимҳо, муродифот, мутазодҳо, доираи истифодаи таркиби луғавӣ, калимаҳои аслии тоҷикӣ, калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ-аврупоӣ, воҳидҳои фразеологӣ, мавқеи зарбулмасалу мақол, зарурати истифода ва ҷойи

истифодаи онҳо дар ҳикояҳои адиб мебошад, ки дар заминаи як таҳқиқи илмӣ ба анҷом расидааст, ки аз мақсаду ҳадафҳои асосии диссертатсия ба шумор меравад.

**Вазифаҳои асосии таҳқиқи** кори диссертатсионӣ ба таҳлилу баррасӣ намудани вазифаҳои зерин, аз ҷумла, омӯзиши забон ва услуби осори Абдусалом Деҳотӣ дар намунаи ҳикояҳои адиб, дар низоми луғатшиносӣ ва маъношиносӣ баррасии вижагиҳои ҳикояҳои адиб ва роҳҳои истифодашавии воҳидҳои забон дар ҳикояҳо, баррасии пурраи қабатҳои маъноии вожаҳо, аз ҷумла: калимаҳои сермаъно, омонимҳо, муродифот, мутазодҳо, мавқеъ ва тарзи корбурди калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосии арабӣ, русӣ, туркӣ-ӯзбекӣ ва мавқеи истифодабарии онҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ, таҳқиқ намудани роҳу усулҳои истифодаи унсурҳои забон вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ, нақш ва мавқеи калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, нишон додани вижагиҳои услуби корбурди воҳидҳои фразеологӣ, мавқеъ ва тарзи корбурди зарбулмасалу мақолҳо, таснифоти маъноии зарбулмасалу мақолҳо вобаста ба ҷузъҳои онҳо ва муайян намудани хусусияти сохтории зарбулмасалу мақолҳо ва муайян намудани рушди забони адабӣ дар асоси забон ва услуби ҳикояҳои адиб дар давраи муайяни таърихӣ ва монанди инҳо нигаронида шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Диссертатсияи мазкур аввалин пажуҳишест, ки дар илми забоншиносии тоҷик забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар роҳи таҳқиқи минбаъдаи масоили марбут ба луғатшиносӣ, маъношиносӣ, услубшиносии забони тоҷикӣ, ҷудо намудани гурӯҳҳои маъноии калимаҳо, мавқеи онҳо дар адабиёти бадеӣ, маврид҃ҳои истифодаи онҳо, хусусияти услубӣ касб кардани ин навъи воҳидҳои луғавӣ ҳам дар сухани тасвирии муаллиф ва ҳам дар нутқи қаҳрамонҳои ҳикояҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта ва дигар масъалаҳо ба доираи васеи муҳаққиқон кумак карда метавонад. Ғайр аз ин, диссертант бар он муваффақ гаштааст, ки бори нахуст қабатҳои маъноии вожаҳо, аз ҷумла калимаҳои сермаъно, омонимҳо, муродифот, мутазод, истифодаи вожаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотиро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мақсад ва визифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якум** «Қабатҳои луғавӣ-маъноии вожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» ном дошта, дар дар 4 зербобу 6 фасл хусусияти луғавӣ-маъноии вожаҳои ҳикояҳои нависанда аз нигоҳи услубӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Зербоби якуми боби якум** «Калимаҳои сермаъно» ном дошта, аз нигоҳи муҳаққиқ калимаҳои сермаъно дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ хеле фаровон корбурд шудаанд. Тасдиқи андешаи худро бо образнокию салосати сухан ва дорои хусусиятҳои махсус, ки ба услуби бадеӣ хос аст, экспрессивӣ будан маҳз ба услуби бадеӣ хос аст, мебинад.

Шарҳи луғавии як калима дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ сермаъно буда, бо роҳҳои гуногун истифода гаштааст. Масалан, калимаи гӯша дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ ба маъноҳои ***дар маънии кунҷ, канор – гӯшаи хона, гӯшаи чашм; гӯшаву канор – ҳама тараф, ҷойҳои дуру наздик; канору кисмати чизе*** истифода шудааст, ки вобаста ба мавқеи калима оварда шудааст. Мисол: ***«Хона бо ҷиҳози духтар ороста шуда, дар гӯшаи хона якчанд пиразанон Ҳамидаи ғамнокро насиҳат мекарданд" (с.13).***

**Зербоби дуюми боби якум** «Омонимҳо» унвон дошта, нависандагон ҳамчун воситаи тавонои услубӣ корбаст менамоянд, зеро онҳо воситаи муассирии забони асари бадеӣ ба ҳисоб рафта, сухани адибро пуробуранг тасвир менамояд.

**Боби якум ва зерфаслҳои онро** масъалаҳои зерини мавриди таваҷҷуҳи диссертант вижагиҳои муродифот, муродифоти исмӣ, сифатӣ, ҷуфтистеъмол, истифодаи мутазод ва навъҳои он-исмӣ, сифатӣ, зарфӣ ва феълӣ қарор гирифтааст, ташкил менамояд

**Боби дуюми диссертатсия** «Мавқеъ ва услуби корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вомвожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

**Зербоби аввал** «Вожаҳои аслан тоҷикӣ» номгузорӣ шудааст ва дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ вожаҳои аслан тоҷикӣ бо хусусияти услубӣ истифода шудаанд. Калимаҳои аслии забони тоҷикӣ, ба монанди ***модар, падар, писар, хок, парда, пинҳон, сар, даст, пешонӣ, гардан, гӯш, пой, корд, бел, табар, камон, ранг, сафед, устухон, рег, гул, дил, баҳор, сад, хона, пар, поз, гандум, ҷав, харбуза*** зимни истифодаи ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ, ки мавқеи онҳо дар забон устувор аст, зиёд истифода шудааст.

Зербоби дуюми ин боб «Вомвожаҳо» ном дорад. Дар зербоби мазкур муаллиф калимаҳои иқтибосиро ба гурӯҳҳои зиёд ҷудо намуда, истифодаи онҳо дар асоси мавзуи баррасишаванда нишон додааст.

Муҳаққиқ, зимни таҳқиқ маълум намуд, ки Абдусалом Деҳотӣ зимни таҳияи ҳикояҳо аз калимаҳои забонҳои арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ-аврупоӣ истифода намудааст. Ҳар як гурӯҳи вожаҳои иқтибосӣ дар ҳикояҳои адиб

мавқеи махсусро касб намуда, аз ҷониби нависанда дар сатҳи баланди нависандагӣ истифода шудаанд.

**Боби сеюми диссертатсия** «Услуби корбурди унсурҳои забон вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» унвон дошта, аз 3 зербоб иборат аст. Боби мазкур ба таҳқиқи унсурҳои забон вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоии онҳо бахшида шудааст. Дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ мавқеи калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо мавқеи асосиро ишғол намуда, хеле моҳирона корбаст гардидаанд.

Зербоби аввали боби сеюм «Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ» ном дошта, дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ хеле зиёд корбаст шудааст ва муҳаққиқ онҳоро ба бахшҳои зерин-исмӣ *“ асиби камбағалон бошад, чилдиробае буд, монанди ашки ҳасрат» [283]. ... аз он мактабҳои кӯҳна, ки мийяи бачагонро ин тавр заҳрдор мекард, ному нишон намондааст [22];* сифатӣ *“Аз ҳамин вақт то ин ҷониб аъзои бача суст, дасту пояш шалпар, маҷоли роҳ рафтан надорад” [36]* чудо намудааст

**Зербоби дуюми боби сеюм** «Услуби корбурди воҳидҳои фразеологӣ» унвон дорад, ки дар он вобаста ба тарзи корбурд ва ҷузъи асосии ибораҳои фразеологӣ дар асоси ҳикояҳои Абдусалом Деҳотиро ташкил медиҳад.

Муҳаққиқ аз рӯйи мисолҳои ҷамъовардашуда ибораҳои фразеологиро ба гурӯҳҳои исмӣ - нури чашм – фарзанд, таъмини маишат – ризқу рӯзӣ, бозори тез – бозори савдояш хеле зиёд; ибораҳои фразеологии феълӣ - ба дарёи ғам фурӯ рафтан – аз ғами зиёд бештар фикри кардан, аз як гиребон сар бароварда– ҳама якҷоя ба иҷрои коре камар бастан, чашм дӯхтан (нигоҳ кардан), оташ гирифтан (дар ғазаб шудан) ва ғайра.

Истифодаи гунаҳои воҳидҳои фразеологӣ дар ҳикояҳои нависанда фаровон истифода шудаанд.

**Зербоби сеюми боби сеюм** «Таснифоти зарбулмасалу мақолҳо» ном дошта, дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ зарбулмасалу мақолҳо хеле фаровон истифода бурдааст. Чизи аз ҳама ҷолиб дар ин бахш аз он иборат аст, ки дарвоқеъ истифодаи зарбулмасалу мақолҳои истифодашудаи Абдусалом Деҳотӣ дар байни мардуми тоҷик, ба монанди «аз биниаш гирӣ, ҷонаш мебарояд», “Ақл кӯр бошад, аз дидаи бино чӣ суд” маъмул буда, дар ҳикояҳо хеле зиёд истифода шудаанд.

Ҳамин тариқ, истифодаи зарбулмасалу мақолҳо, ки инъикоскунандаи ҳақиқати ҳол ва ақидаю ҷаҳонбинии гӯянда ва замони пайдоиши он маҳсуб ёфта, дар забони ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ серистеъмоланд.

Муҳаққиқ дар ҳар як фасл ва зерфаслҳои боб бо истифода аз мисолҳои фаровони ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ истифода намуда, нуктаи

назари худро аз рӯйи таҳқиқоти забоншиносон тасдиқ менамояд ва хулосаҳои шахсӣ низ мебарорад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқи диссертатсионӣ оварда шудаанд, ки таҳлил ва гурӯҳбандии онҳо ба муҳаққиқ имкон додааст, то ба ҳалли ниҳоии ҳадафи ягонаи худ даст ёбад. Дар маҷмуъ, таҳқиқи диссертатсионии Сатторова Дилрабо Қаҳоровна дар мавзуи «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ», пеш аз ҳама, барои ҳалли масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ кӯшиши саривақтӣ ва арзишманд маҳсуб меёбад.

Маводи таҳқиқи диссертатсионӣ метавонад барои таҳияи луғатҳои лингвистӣ, махсусан, фарҳангҳои фразеологӣ, синонимӣ, омонимӣ, антонимӣ ва тарҷумавӣ истифода шавад. Ҳамчунин, натиҷаҳои онро метавон зимни таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимию методии забон ва услуби забони тоҷикӣ, курсу семинарҳои махсус вобаста ба омӯзиши табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар истифода намуд.

Диссертант вобаста ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ФР чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Таҳлилу муҳокима ва натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошад. Маълум мегардад, ки диссертатсия дар заминаи таҳлили маводи фаровони илмию бадеӣ анҷом ёфта, муаллиф ба мақсади ниҳоии худ комёб гардидааст. Дар баробари муваффақиятҳои бадастомада дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудиҳо мушоҳида шудаанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошанд:

1. Дар асоси талаботи КОА пас аз мундариҷа номгӯи ихтисораҳо ва ё аломатҳои шартӣ бошад, аммо дар манти рисола ба чашм нарасид;

2. Дар матни автореферат ва диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ хеле зиёд аст, аз ҷумла саҳифаҳои 10, 11, 14, 18, 23, 24, 25, 36, 60, 95, 102, 103, 104, 108, 111, 117, 118, 122, 155.

3. Унвонҷӯ дар қисмати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ бояд дар асоси мавзуи мавриди таҳқиқ андешаронӣ намуда, натиҷаҳои амалии таҳқиқро ба таври муфассал шарҳ медод, ба мақсад мувофиқ буд;

4. Омехтагӣ дар тартиби рӯйхати адабиёт дида мешавад. Адабиёти 105 ва 106 ба бахши фарҳангнома ва луғатҳо гузаронида шавад.

Мавриди зикр аст, ки камбудиву нуқсонҳои зикршуда характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва қимати илмии диссертатсия ва фишурдаи онро ба ҳеҷ ваҷҳ намекоҳонанд.

Бо назардошти афзалиятҳои болозикр, диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна дар мавзуи «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» кори таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Вобаста ба ин, муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
н.и.ф., дотсент, директори филиали
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф
дар шаҳри Кӯлоб Шаҳбози Рустамшо

Имзои н.и.ф., дотсент, Р. Шаҳбозро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
ФМДДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб Холов Муҳаммадҷон

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи Ҳамадонӣ-5
Телефон: (83322) 2-59-35
(+992) 988-49-10-10
E-mail: rustamshoh-90@bk.ru
«_08_» «_05_» 2024